# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Рисолаи мазкур дар мавзуи хеле муҳим ва мубрам таҳия шуда аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, доир ба ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо волидан ва ҷомеа, такмил додани маърифати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва такмили малакаҳои истифодаи онҳо бо мақсадҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ, аз худ кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ, пешгирӣ намудани насли наврас аз пайвастан ба гурӯҳу ҳаракатҳои ифротӣ бар меояд.

Дар ин радиф ҳадафи мазмуни таълиму тарбия тағйир ёфта, техника ва технологияҳои навини педагогӣ дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ ҳар чи бештар мавриди истифода қарор мегирад.

Маҳз дар чунин вазъи ҳалталаб ва мураккаб муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ду ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, ҳамкории онҳо дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода аз техника ва технологияҳои иттилоотию педагогии муосир ба масъалаи мубрами педагогикаи иҷтимоӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа табдил ёфтааст.

Рисолаи илмии муҳаққиқ Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» маҳз ба таҳқиқи масъалаи мазкур, таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагони синфҳои 7-9, фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонавода бахшида шудааст.

Арзиши назариявӣ ва амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки муаллиф масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба

техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ таҳқиқ намуда, истифодаи онро мавриди ташхиси сатҳи салоҳияти омӯзгорону волидон ва дар ҷараёни таҳия ва истифодаи як навъ барномаи педагогии самарабахши ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода муфид меҳисобад.

Боиси зикр аст, ки дар рисола зимни баррасии масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми техникаю технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ дар мукаммалгардонии фаъолияти таълимӣ ва ташаккули ҷаҳонбинию иҷимоишавии хонандагони синфҳои 7-9 арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷумла, зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Мирбобоева Бибивахӣ муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро тадқиқ намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда шароитҳои педагогии ҳамкории самарабахши муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро баррасӣ ва механизмҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро тавассути истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ коркард намудааст.

Муаллиф муҳимияти ташаккули тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро дар шароити ҳозира ба сифати масъалаи педагогӣ гузошта, дуруст қайд кардааст, ки ҷомеаи муосири иттилоотӣ дар назди волидон вазифаи тарбия намудани фарзандонро мегузорад, ки тавонанд, мустақилона ба шароити тағйирёбандаи ҳаётӣ мутобиқ гарданд, донишҳои заруриро аз худ намоянд ва онро дар амалия истифода намоянд. Аз ин лиҳоз, ҳамкории муассисаҳои таълимиву хонавода ҷиҳати таҳқиқи раванди ташаккули муносибати мусбати хонанда ба техника ва технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ рехта шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва замима таркиб ёфтааст. Дар муқаддима аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия талаботҳо доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҷавобгӯи мазмуни рисола мебошанд.

Арзишмандии таҳқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ метавон кард, ки масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ таҳқиқ намуда, нақши истифодаи техникаю технологияҳои муосири иттилоотӣ дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ ва ташаккули ҷаҳонбинию иҷимоишавии хонандагон мавриди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода мавриди назар қарор ёфтааст.

**Дар боби аввали рисола** "Ҳамкории омӯзгор ва волидон дар ташаккули системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон зимни истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ" масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст. Муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди талаботи маърифатӣ, шавқу рағбати донишандузӣ, шахсияти омӯзгор, муносибати эҳсосотӣ ба таҳсилот, баинобатгирии хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва дигари он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд. Алалхусус, механизмҳо ва шаклҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро таҳлил намуда, роҷеъ ба ин масъала нуқтаи назари олимон ва муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Каримова, Б.Раҳимов, Б.Қодиров, Б.Маҷидова, А.Нуров, А.Мирализода, Х.Раҳимзода, Н.Юнусова, Ҷ.Файзализода, Д.Латифзода, Б.Маҷидова ва дигаронро бо овардани иқтибос аз асарҳои илмиву методӣ пешниҳод намудааст.

Дар таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро муҳим арзёбӣ намуда, дар он зикр гардидани вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд, ҳамкории онҳо, баробарии ҳуқуқ ва ухдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро хеле муҳим мешуморад. Зеро хонанда дар муассисаи таълимӣ зери фазои бузурги иттилоотӣ қарор дорад, ки ба ӯ омилҳои гуногуни иҷтимоӣ таъсир мерасонанд ва ҳамкории омӯзгор ва волидон дар ташаккули системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон зимни истифодаи техника ва

технологияи муосири иттилоотию педагогӣ саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Дар ин радиф, "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2018-2022"-ро мавриди омӯзиш қарор дода, тибқи талаботҳои барнома чорабиниҳои мухталифро баҳри шинос намудани волидон бо донишҳои педагогии тарбиявӣ бо истифода аз техника ва технологияи муосир пешниҳод намудааст.

**Дар боби дуюми рисола** "Шароитҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ бо хонавода дар инкишофи муносибати мусбати хонандагон ба технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ" роҳҳо ва воситаҳои асосии таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ ташаккули ҳамкории омӯзгор ва волидонро вобаста ба техника ва технологияҳо дар муассисаи таълимӣ баррасӣ намуда, муносибат, робита ва фаъолияти якҷояро дар тарҳи (модели) "Педагог–Хонанда–Волидон–Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" ҳамчун яке аз роҳҳои самарабахш дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ меҳисобад.

Дар доираи рисола бо мақсади амалӣ намудани модели ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар шароити имрӯза корҳои таҷрибавӣ-озмоиши ташкил карда шуданд, ки дар ин раванд шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ муайян гардиданд, ки роҳу усулҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат менамоянд.

Шаклу усулҳои асосии кор бо омӯзгорон, хонандагон ва волидон, ба монанди истифода аз шабакаи интернетӣ маҷлис –онлайн, интернет-конфронс баргузор гардида, тавассути журнали электронӣ ва рӯзномаи электронӣ волидон ҷадвали дарсҳои асосӣ ва иловагӣ, давомот ва мониторинги сатҳи дониши фарзандонашонро назорат менамоянд.

Натиҷагирӣ аз истифодаи методҳои таҳқиқотӣ дар чор нақша ва 15 диаграммаҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Таҳлили назариявии масъала ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти амалӣ, ки онҳо дар таъмини ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ арзишманд хоҳад буд, иброз карда шудааст.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар рисолаи илмӣ баён гардидаанд:**

-хусусиятҳои таъмини муҳити самарабахши ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ дар ниҳоди хонадагони синфҳои 7-9 тадқиқ гашта, имконоти он барои ташаккули ҷаҳонбинию иҷтимоишавии хонандагон дар муҳиту шароити МТМУ асоснок карда шуд;

- ошкор гардид, ки ташкили шароитҳои педагогӣ дар муассисаи таълимӣ ҳамчун омили таркибӣ дар таъмини ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ба ҳисоб меравад;

- шароитҳои педагогии мусоидаткунанда ба ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ошкор ва ба тариқи таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки** ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ бори аввал баррасӣ шуда, заминаҳои назариявӣ ва амалии робитаи онҳо баррасӣ гардидааст. Дараҷаи омодагии хонандагони синфҳои 7-9 нисбати истифодаи бомақсади техникаю технологияҳои муосири иттилоотӣ дида баромада шуда, самарабахшии тарҳи (модели) ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода «Педагог-Хонанда-Волидон - Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” дар раванди таълиму тарбияи хонандагон муайян шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои инкишофи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ истифода намуд. Боиси зикр аст, ки натиҷаҳои дастрасшуда ва хулосаҳо метавонанд дар ташкили раванди омӯзишу парвариш тавассути технологияҳои иттилоотӣ дар МТМУ-и ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор ёбанд.

Муаллиф интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоиширо босамар ба роҳ монда, барои ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва фишурдаи он, таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ, гузориш дар конфронсу семинарҳо мутташакилона фаъолият намудааст. Аз ҷумла, 7 адади мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию

педагогӣ ҷиҳати васеъ гардонидани ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии онҳо дар хонандагони синфҳои 7-9, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили омори математикӣ иборатанд, ки хоси таҳқиқоти иҷтимоӣ педагогӣ –мебошад.

Аз нуқтаи назари мо, рисолаи илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир" таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Ҳарчанд муҳаккиқ "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2018-2022"-ро мавриди омӯзиш қарор дода бошад ҳам, хуб мебуд, ки дар рисола мазмуни барнома ва татбиқи он дар ҷумҳурӣ васеътар таҳлил гардида, меъёрҳои истифодаи техника ва технологияҳои муосир, заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дар асоси талаботҳои барнома ва навовариҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар ин самт пешниҳод мегардиданд.
2. Агар дар боби дуюми рисола муҳаққиқ корҳои берунаэсинфиро низ ҳамчун як воситаи таъмин намудани муҳити самарабахши фаъолият ва фазои иттилоотии омӯзгорону волидайнро тавассути технологияҳои итттилоотӣ-коммуникатсионӣ зимни ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода мавриди санҷиши озмоишӣ ворид ва натиҷагирӣ менамуд, аҳаммияти илмию амалии онро зиёд мегардонид.
3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ фоидаовар хоҳад буд, агар аз ҷониби муҳаққиқ намунаи модели пешниҳодшуда муфассалтар шарҳ дода мешуд. Ин ҷабҳаи назарӣ ва методии таҳқиқотро боз мукаммалтар мегардонид.
4. Дар баъзе бандҳои автореферат номувофиқатии матн ба забонҳои тоҷикиву русӣ ба назар мерасад (саҳ.47; 51;53).
5. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевнаро дар мавзуи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули

муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир”дар ҳудуд ва микёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳкикотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Муқарризи расмӣ:

Доктори илми педагогӣ, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва
гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов
«14» марти соли 2023 Латифзода Диловар Назришоҳ.

Маълумот барои тамос:

Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, маҳ. Испечак 2, М.30, х.1. хуҷ.3.
Тел.: 907-07-02-44.
E-mail: dilovarl @mail.ru

Имзои Д.Н. Латифзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов *Каримов М.Т.*
«14» марти соли 2023.

РАЁСАТИ КАДРҲО